**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори** Донишкадаи давлатии **забонҳои** Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_________ Гулназарзода Ҷило Бурӣ
«_23_» ___04___ соли 2022

# ХУЛОСАИ

кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Диссертатсия дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Раҷабзода Маҳмадулло соли 2004 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи "Ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ»" дифоъ карда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот гардид.

Раҷабзаода Маҳмадулло дар давомӣ солҳои 2010-2022 ба таҳқиқи равияи нави илми муосири педагогика машғул буда, тайи ин солҳо вобаста ба таҳқиқоти квалиметриии илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 монография ва беш аз 40 мақолаи илмӣ дар дохил ва хориҷи кишвар рӯйи нашр овардааст.

Мавзуи диссертатсияи мазкур ҷиҳати такмилу тасҳеҳ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 30-юми апрели соли 2020, № 9/3-5 тасдиқ гардидааст.

Мушовири илмӣ – Каримова Ирина Холовна, доктори илмҳои педагогӣ, академик, ноиби Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло ба яке аз мавзуъҳои мабрами илми ватанӣ ба таҳқиқоти квалиметрии педагогии даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Таҳаввулоти даврони истиқлол ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонид. Табиист, ки илмҳои педагогӣ аз ин истисно нест. Аҳамияти иҷтимоии илмҳои педагогиро саҳми воқеие, ки он дар ҳалли масъалаҳои ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, таъмини илмӣ-методии таҳсилоти муттасил, баланд бардоштани самаранокии таҳсилот ва тарбияи насли наврас, бунёди неруи фикрии ҷомеа,

дар ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар гузоштааст, муайян менамояд. Ҷойгоҳи илмҳои педагогӣ дар низоми илм ва таҳсилоти ватанӣ аз дастовардҳои амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, пешрафти ислоҳот дар соҳаҳои иҷтимоиёту иқтисодиёт, афзудани истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва муҳтавои ҳаёти маънавӣ дар ҷомеа вобастагии амиқ дорад. Бо шарофати истиқлоли миллӣ дар риштаҳои гуногуни илму маориф ва низоми таҳсилот муносибатҳои комилан нав ва рушдёбанда ташаккул ёфтанд. Ҳамин нукта мусаллам аст, ки яке аз омилҳои муҳими рушди ҷомеа, маҳаки муаянкунандаи сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар ва неруи таҳкимбахши низоми таҳсилот дар Тоҷикистон илм ба шумор меравад.

Бо назардошти нақши калидии илм дар пешрафти ҷомеаи муосир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориро барои рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим зина ба зина афзоиш дода истодааст. Вобаста ба ин мақомоти давлатии идоракунии соҳаҳои илм ва таҳсилот – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА назди Президенти Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷиҳати такмили илмии сиёсати маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои судманд андешида, тавсияҳои асосноки илмӣ пешниҳод менамоянд.

Дар натиҷаи кӯшишҳои пайваста ва силсилаи пажӯҳишҳои илмии олимони соҳаи педагогика имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими илми ватанӣ – квалиметрия, ки ба омӯзиши қонуниятҳои рушди илм ҳамчун низоми мукаммал ва шакли махсуси фаъолият машғул аст, ташаккул меёбад. Тавсияҳои он барои коркарди аз нигоҳи илмӣ асосноки принсипҳои созмондиҳӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва идоракунии илм равона карда шудаанд. То имрӯз дар Тоҷикистон ягон таҳқиқоти бунёдии мушаххас, кашфиёту ихтироот ё методикаи илмие, ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи педагогика бахшида шуда бошад, анҷом дода нашудааст. То кунун ҷомеаи педагогии Тоҷикистон оид ба мавзуи таҳқиқшаванда маълумоти кофӣ надоштанд ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба таҳқиқоти педагогӣ аз нигоҳи илмӣ саҳеҳ ва асоснок коркард нашудааст. Инро таҳлили фаъолияти 3 шурои диссертатсионӣ (докторӣ ва номзадӣ) дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия таъсис ёфта, фаъолият доштанд, собит намуд.

Таҳлилиҳо собит менамоянд, ки дар тӯли беш аз 30 соли охир дар шуроҳои диссертатсионӣ реестр ё феҳристи ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба илмҳои педагогика таҳия нагардида, оид ба квалиметрия, тартибу меъёрҳои он ягон таҳқиқоти мукаммал ва бунёдӣ бахшида нашудааст.

Ҳамзамон, шӯроҳои диссертатсионӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ то рӯзҳои наздик сомонаи алоҳида надоштанд, ки ин низ раванди пешбурди самараноки таҳқиқоти илмӣ-педагогиро дар ҷумҳурӣ ниҳоят душвор гардонида буд. Илова бар ин, шумораи зиёди муҳаққиқони кишвар бо сабабҳои камбудии маблағ ва ғайра имконияти ҳимояи таҳқиқоти диссертатсиониро дар хориҷи кишвар надоштанд. Муттамарказонидани захираҳои бузурги илмӣ-иттилоотӣ дар китобхонаҳо, бойгониҳо ва марказҳои бонуфузи илмии Россия душвор гашт ва истифодаи онҳоро барои олимону муҳаққиқони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ имконнопазир гардонид.

Чунин вазъият зарурати таъсиси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ – Комиссияи олии аттестатсиониро дар кишвар ба миён овард.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илмии квалиметрия такмил ёфта, низоми мафҳумии он бо истилоҳоти тозаи илмӣ таъмин ва ҷиҳати рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод мегардад. Ба аспирантону унвонҷӯён, докторантон аз рӯи ихтисоси (PhD) соҳаи илмҳои педагогӣ барои ташхиси раванд ва натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо дода шуда, сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш дода шудааст.

Маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон татбиқ гардидаанд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он равона шудааст, ки ӯ бо истифода аз сарчашмаву манобеи эътимодбахши илмӣ, оморӣ ва рисолаву маводи бойгонӣ ба таври васеъ истифода намуда, дар давраи анҷоми таҳқиқот, дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба самти педагогӣ ҳамчун узви шӯрои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзида, дар ин замина муҳаққиқ аз методу усулҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли васеъ истифода бурдааст. Зимни анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муҳаққиқ тавассути ба нашр расонидани асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи методҳои квалиметриро дар ҷараёни арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, диссертатсионӣ муайян карда, ҷиҳати рушди илми ватанӣ, махсусан, педагогӣ тавсияҳои илман асоснокро манзур гардонидааст, ки ин яке аз муваффақиятҳои муаллиф маҳсуб меёбад.

Сохтори диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва 438 саҳифаи компютерӣ таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамият ва зарурати мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониву нукоти асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, инчунин, саҳми шахсии муаллиф дар пажӯҳиши мавзуъ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия ба **“Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он”** бахшида шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якум **“Моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он”** доир ба мафҳуми таҳқиқоти педагогӣ, методологӣ, меъёрҳои методологии таҳқиқоти педагогӣ ва назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт дар заминаи омӯзиши осори илмӣ ва методӣ оварда шудааст. Ҳамчунин, дар ин қисмат перумони «методология» ҳамчун таълимот оид ба сохтор, роҳандозии мантиқӣ, методҳо ва воситаҳои фаъолият, зуҳури методология ва мавқеи он ра таҳқиқи мавзуъ маълумот оварда шудааст. Аз ин лиҳоз, ҳар як марҳилаи таърихӣ ба такмили методологияи таҳқиқоти илмӣ таъсири муайян расонида, дар натиҷа солҳои 80-уми асри XX ва ибтидои асри XXI оид ба зарурати таҳқиқи проблемаҳои методологии такмили сохтори раванди таҳқиқотӣ, самтҳои баланд бардоштани сифати диссертатсияҳо дар соҳаи педагогика тасаввуроти возеҳи назариявӣ ва методологӣ ташаккул ёфтааст. Ҳамзамон, дар ин зербоб доир ба диссертатсия ва барасмиятдарории он аз нигоҳи методологӣ ва кавлиметрӣ, раванди такмили талаботи расмӣ нисбат ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккулёбии шуроҳои диссертатсионӣ ва фаъолияти пурсамари онҳо арзёбӣ гардидааст.

Зербоби дуюм **“Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ”** унвон дошта, дар он роҷеъ ба пайдоиш ва ташаккули таҳқиқоти диссертатсионӣ ва талаботи навишти он маълумот дода шуда, аз ҷумла, таъкид гардидааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика ба сифати жанри мустақили таҳқиқоти илмии инфиродӣ – кори илмии тахассусӣ танҳо дар охири солҳои 20-30-уми асри XX пайдо шудааст, агарчи диссертатсия ҳамчун кори илмии тахассусӣ дар шакли куллӣ дар Россия ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри XVIII ба шарофати корҳои илмии М.В. Ломоносов пайдо шуда, ба сатҳи таҳқиқоти муҳимми илмӣ бардошта шуда буд ва тавассути он ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва илмии соҳаҳои гуногун имконпазир гардид. Ҳамзамон, дар ин қисмат дар заминаи омӯзиш талаботу низоми шуроҳои диссертатсионӣ, тартиби ташкили фаъолияти онҳо ва дифоъи рисолаҳои илмӣ маълумот оварда шудааст.

Зербоби сеюми ин боб ба **“Квалиметрия самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ”** бахшида шуда, дар он вобаста ба таърихи мавзуи квалиметрия ва илмсанҷӣ дар сарчашмаҳои гуногун бо назардошти махсусиятҳои ба худ хос мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта, фарқи онҳо

низ шарҳи худро ёфтаанд. Таъкид гардидааст, ки квалиметрия ва таҳқиқоти квалиметрӣ дар даврони муосир бо такя ба таҷрибаи гузаштаи илмсанҷии даврони пешин ва бо дастуру заминаҳои нави методологӣ рушду таҳаввул ёфт. Масъалаи мазкур маъмулан дар илми муосири башарӣ бо номи «квалиметрия» мавқеъ ва мақом пайдо намуд. Ҳамзамон, дар ин зербоб доир ба нақши квалиметрия дар баррасии сатҳу сифати нишондодҳои илмӣ маълумоти саҳеҳу равшан оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон»** унвон дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якум **"Таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он"** ташаккул ва инкишофи таҳқиқоти педагогӣ аз нигоҳи квалиметрӣ корбаст шудааст. Қайд гардидааст, ки таҳлили квалиметрии таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон, ки аз ташкили Комиссияи илмӣ-педагогии Тоҷикистон дар назди Шурои илмии давлатии Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Туркистон ва Дорулмуаллимини тоҷикӣ соли 1924 оғоз меёбад, нишон медиҳад, ки дар ин даврон аввалин арзёбиҳои ба квалиметрия шабоҳатдошта ба назар расида, дар самти таҳқиқоти педагогӣ мунтазам тадбирҳои муаассир андешида мешуданд. Аз ҷумла, соли 1930 дар назди Комиссариати маорифи халқ Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотӣ таъсис ёфт ва нақши нашрияҳоро дар рушди таҳқиқоти педагогӣ ба назар гирифта, маҷаллаҳои илмии зиёде ташкил намуданд, ки баъзе аз онҳо то ҳол ҳам фаъоланд.

Зербоби дуюми ин боб ба **"Квалиметрияи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ"** бахшида шуда, дар он мавқеъи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва ҷойгоҳи он дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини педагогикаи муосир, аз ҷумла, педагогикаи ибтикорот, омӯзиш ва таҳқиқи мероси ниёгон, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, педагогикаи муқоисавӣ, педагогикаи ҳамгиро, таҳсилоти фарогир, муносибати босалоҳият дар таълим ва муносибати бонизом дар раванди таълим, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар таълим ва амсоли ин мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Зербоби сеюми боби мазкур **"Таҳлили квалиметрии таҳқиқоти масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** унвон гирифтааст. Дар ин зербоб муҳаққиқ шарҳу ташреҳи таҳсилоти фарогир, вазифаҳои таҳсилоти фарогир, хусусиятҳои таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон, нақши олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар омӯзишу таҳқиқи таҳсилоти фарогир, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳсилоти фарогир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар охири ин зербоб диссертант оид ба самтҳои афзалиятноки таҳсилоти фарогир, ки ҳалли таъхирнопазирро тақозо менамоянд, якчанд тавсияҳои судманд манзур намудааст. Ҳамчунин, таҳлили квалиметрии таҳқиқоти мавзуии масъалаҳои

муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **дар мисоли** Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди **маориф ба номи** Абдураҳмони Ҷомии АТТ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии диссертасионӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Зербоби аввал **“Квалиметрияи таҳқиқотӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он”** унвон гирифта, дар он маълумот оид ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва мавқеи он дар омода кардани мутахассисони илмӣ-педагогӣ, инчунин, шуроҳои диссертатсионие, ки дар назди он фаъолият доштанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар идомаи таҳқиқ диссертант баҳри баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти шуроҳои диссертасионии ватанӣ ва хориҷии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии ҷумҳурӣ тавсияҳои судмандро аз рӯйи нишондодҳои квалиметрӣ пешниҳод намудааст.

Зербоби дуюми ин боб ба **“Таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон”** бахшида шуда, дар он фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, ки самти пешбарандаи сиёсати давлатӣ дар рушди илм ва таҳқиқоти соҳаи маориф ба шумор меравад, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба ин мақсад диссертант интихобан фаъолияти шуроҳои диссертатсионии дар назди ин ниҳодро мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор дода, бо мақсади муайян намудани сатҳи татбиқ ва истифодаи натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалияи педагогӣ диссертант интихобан мундариҷаи диссертатсияҳоеро, ки дар солҳои 2005-2007 дар шурои мазкур ҳимоя шудаанд, таҳлил намуда, дар ин замина онҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо намудааст.

Зербоби сеюм **“Квалиметрияи таҳқиқотӣ дар Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон”** ном дошта, дар ин зербоб бо истифода аз қонуниятҳои квалиметрӣ фаъолияти шуроҳои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, дар ин замина, таҳқиқоти диссертатсионии дар онҳо дифоъшуда аз нигоҳи мунтариҷа ба гурӯҳҳо тасниф гардида, таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Боби чоруми диссертатсия **“Дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол”** унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якум бо унвони **“Ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ - марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ”** бахшида шудааст. Дар ин қисмат оид ба таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди илми ватанӣ мусоидаткунандаи саривақтӣ маълумот дода, фаъолияти густурдаи он дар рушди илми кишвар, аз ҷумла, илмҳои педагогӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба

қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки таҳлили фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз он шаҳодат медиҳад, ки он ба пурраги дар доираи стандартҳои мутобиқаткунандаи ба сатҳи байналмилалии илмӣ, ки комилан ба андозагириҳои илмсанҷӣ ва квалиметрӣ мувофиқат мекунанд, роҳандозӣ шудааст.

Зербоби дуюм **"Самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ихтисос гирифтааст. Дар ин зербоб таҳлили квалиметрии қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик, коркардҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф дар ин самт анҷом дода шудааст.

Зербоби сеюм **"Тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳамчун омили рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол"** ном гирифтааст. Дар зербоби мазкур нақши равобити байналмилалӣ дар густаришу равнақи таҳқиқоти илмӣ, инчунин, вазифаву аҳдофи он дар рушди илми ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилот бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои гуногун имконият медиҳанд, ки таҷрибаи пешқадам ва арзишманди онҳо оид ба такомули равандҳои гуногуни таълиму тарбия дар шароити муносибатҳои бозорӣ мавриди истифода қарор гирад. Чунин ҳамкориҳо барои низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон, ки пайваста ба такмилу азнавсозӣ ниёз дорад, низ муфид арзёбӣ мегардад.

Дар хулоса натиҷаи умумии таҳқиқот инъикос гардида, хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумии диссертатсия ҷамъи ақидаю назари диссертантро нишон медиҳад. Дар ин қисмати кор муаллиф вобаста ба ҷамъбасти таҳқиқот, муайян намудани мушкилот, роҳҳои рафъи он маълумот дода, пешниҳодоти судмандро ҷиҳати рушду такомули соҳаи илмҳои педагогӣ дар кишвар тавсияҳои мушаххасро аз нигоҳи квалиметрӣ баён намудааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи диссертант мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар давоми солҳои 2010-2022 дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, конференсияҳои донишкадавӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (солҳои 2010-2022) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчунин, доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 монография, 41 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла, 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 18 нафар "муқобил" – 0 нафар, "бетараф" – 0 нафар, суратҷаласаи № 9 аз 27 апрелии соли 2022.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи педагогика ва психология,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ошимова Маҳбуба Машарифовна

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҷабова Фируза Олмаҳмадовна

Имзоҳои Ошимова М.М. ва Раҷабова Ф.О.-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи СотимУлуғзода.
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj